## 15. ҚАТЪНОМАИ A/79/L.94 – НАҚШИ ЗЕҲНИ СУНЪӢ ДАР ЭҶОДИ ИМКОНИЯТҲОИ НАВ БАРОИ РУШДИ УСТУВОР ДАР ОСИЁИ МАРКАЗӢ

Қабули қатъномаи махсуси Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид бо ибтикори Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба истифодаи зеҳни сунъӣ (ЗС) ба хотири рушди устувори кишварҳои Осиёи Марказӣ бахшида шудааст, ба сифати як дастоварди барҷастаи дипломатии Тоҷикистон дар сатҳи байналмилалӣ арзёбӣ мегардад. Пешрафти технологияҳои рақамӣ, бахусус дар соҳаи зеҳни сунъӣ, имкониятҳои наву фарохро барои ҳалли масъалаҳои муҳими иҷтимоӣ ва иқтисодӣ фароҳам меорад. Бо вуҷуди ин, зарурати таҳияи механизмҳои байналмилалии танзимгар, ки бар пояи меъёрҳои амният, фарогирӣ ва арзишҳои ахлоқӣ устувор бошанд, бештар эҳсос мегардад. Дар чунин шароит, пешниҳоди Тоҷикистон ҷиҳати қабули қатъномаи вижаи Маҷмаи Умумии СММ таҳти унвони «Истифодаи зеҳни сунъӣ ба хотири рушди устувор дар Осиёи Марказӣ» иқдоми саривақтӣ ва дорои аҳамияти стратегии назаррас буда, ба ташаккули сиёсати рақамии одилона, масъулиятнок ва ҳамгиро равона шудааст.

Ин амр нишони возеҳи сатҳи баланди эътимоди ҷомеаи байналмилалӣ ба Тоҷикистон ва қобилияти он барои пешниҳоди роҳи ҳалли амалӣ ва дорои аҳамияти умумибашарӣ мебошад. Зиёда аз 140 кишвари узви Созмони Милали Муттаҳид аз ин ташаббус ҷонибдорӣ намуданд, ки ин худ бозгӯи аҳамияти баланди ҷаҳонии он аст. Қабули қатънома гувоҳи дигаре аз муваффақияти дипломатияи Тоҷикистон мебошад, ки дар солҳои охир пайваста ташаббусҳои созанда дар самти рушди устувор ва таҳкими ҳамкории байналмилалиро ба миён гузоштааст. Иқдомоти кишвар дар соҳаҳои обу иқлим ва акнун дар бахши технологияҳои рақамӣ мавқеи устувори Тоҷикистонро дар арсаи ҷаҳонӣ боз ҳам мустаҳкам месозанд.

Қатънома инчунин инъикосгари талошҳо барои ташаккули иттифоқи назар дар сатҳи ҷаҳонӣ оид ба истифодаи зеҳни сунъӣ дар асоси меъёрҳои ахлоқӣ, амниятӣ ва фарогир мебошад. Ин масъала дар шароите аҳамияти бештар касб менамояд, ки меъёрҳои умумиҷаҳонӣ ҳанӯз ба таври комил шакл нагирифтаанд ва нобаробарии дастрасӣ ба технологияҳо боиси афзоиши тафовути рақамӣ мегардад. Дар ин росто, сухан танҳо аз рушди технологӣ нест, балки ҳифзи ҳуқуқи инсон, таҳкими шаффофият ва фароҳам овардани имкониятҳои васеъ барои кишварҳои дорои иқтисодиёти рӯ ба рушд низ дар меҳвари таваҷҷуҳ қарор дорад.

Яке аз рукнҳои асосии қатъномаи қабулшуда тасмими таъсиси Маркази минтақавии зеҳни сунъӣ дар шаҳри Душанбе мебошад, ки ҳамчун платформаи ҳамоҳангсозӣ барои кишварҳои Осиёи Марказӣ хизмат хоҳад кард. Вазифаҳои бунёдии он ба рушди ҳамаҷонибаи инфрасохтори рақамии минтақа нигаронида шудаанд. Аз ҷумла, роҳандозии лоиҳаҳои муштарак бо иштироки донишгоҳҳо, марказҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва паркҳои технологӣ пешбинӣ гардидааст, ки интиқоли дониш ва технологияҳои пешрафтаро ба муҳити илмӣ ва инноватсионӣ таъмин хоҳад намуд. Дар баробари ин, ба таҳия ва татбиқи механизмҳои худтанзимкунӣ, инчунин коркарди меъёрҳои

ҳуқуқӣ ва ахлоқӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир мегардад, то истифодаи зеҳни сунъӣ бо роҳҳои амн, одилона ва масъулиятнок амалӣ гардад. Марказ ҳамчунин ба ҳимоя ва дастгирии стартапҳо дар самтҳои рушди устувор, тандурустии рақамӣ, технологияҳои кишоварзӣ ва ҳифзи муҳити зист машғул хоҳад шуд, ки ин ба рушди инноватсияҳои амалӣ ва ҷавобгӯ ба талаботи замони муосир мусоидат менамояд. Самти муҳими дигар боло бурдани сатҳи саводнокии рақамии аҳолӣ ва таҳияи барномаҳои таълимии хоса мебошад, ки мутобиқ ба воқеиятҳои иҷтимоиву иқтисодии минтақа ва ҳадафҳои рушди дарозмуддат тарҳрезӣ мегарданд.

Инчунин дар назар дошта мешавад, ки Марказ бо созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ, аз ҷумла Созмони Милали Муттаҳид оид ба маориф, илм ва фарҳанг (ЮНЕСКО), Барномаи рушди Созмони Милали Муттаҳид (БРСММ), ҳамчунин Барномаи СММ оид ба муҳити зист (ЮНЕП) ҳамкории фаъол ба роҳ монад. Ин ҳамкорӣ ба ҳамгироии зеҳни сунъӣ дар рӯзномаи рушди устувор мусоидат карда, иқтидори илмӣ ва техникии кишварҳои Осиёи Марказиро тақвият хоҳад бахшид. Дар натиҷа, шаҳри Душанбе ба маркази минтақавии ояндаи рақамӣ табдил ёфта, намунаи хоси рушди устувори рақамиро бо такя ба меъёрҳои байналмилалӣ ташаккул медиҳад.

Ибтикори Тоҷикистон ба таври комил ба Ҳадафҳои рушди устувори Созмони Милали Муттаҳид то соли 2030 мутобиқ буда, робитаи қавии миёни пешрафти технологӣ ва афзалиятҳои стратегии ҷомеаи ҷаҳониро инъикос менамояд. Истифодаи зеҳни сунъӣ имкониятҳои васеъро барои расидан ба як қатор ҳадафҳои ҷаҳонӣ фароҳам меорад. Масалан, дар доираи Ҳадафи 4 (таъмини маорифи босифат), зеҳни сунъӣ шароити табдили рақамии низоми таълим, густариши дастрасӣ ба дониш ва таҳкими омӯзиши инфиродиро муҳайё месозад. Ҳадафи 9 (саноатисозӣ, инноватсия ва инфрасохтор) тавассути дастгирии стартапҳо, татбиқи қарорҳои зеҳнӣ ва ташаккули экономизомҳои рақамии устувор нерӯи нав касб менамояд. Дар заминаи Ҳадафи 13 (мубориза бо тағйирёбии иқлим), зеҳни сунъӣ имкониятҳои пешрафтаро барои моделсозии хавфҳои иқлимӣ, пешгӯии ҳолатҳои фавқуллода ва такмили идоракунии захираҳои табиӣ фароҳам меорад. Ниҳоят, Ҳадафи 17 (шарикии ҷаҳонӣ) ба шарофати тавсеаи ҳамкории байналмилалӣ дар соҳаи зеҳни сунъӣ, мубодилаи таҷриба ва ташаббусҳои муштараки илмӣ ва инноватсионӣ амалӣ мегардад.

Аз ин ҷост, ки ибтикори Тоҷикистон на танҳо ҷавобгӯи ниёзҳои минтақа, балки ҳамзамон мутобиқ ба афзалиятҳои умумибашарии рушди устувор мебошад, ки дар сатҳи ҷаҳонӣ мавриди эътироф қарор гирифтаанд. Қабули қатъномаи Маҷмаи Умумии СММ оид ба истифодаи зеҳни сунъӣ барои рушди устувори Осиёи Марказӣ на танҳо дастоварди навбатии дипломатияи Тоҷикистон аст, балки саҳми арзандаи кишвар дар ташаккулиояндаи рақамии ҷаҳонӣ арзёбӣ мегардад.

**Маҷмаи Умумӣ**

Distr.: Limited
14 June 2025

**Иҷлосияи ҳафтоду нуҳум**
Банди 18-уми барномаи рӯз
Рушди устувор

## Қазоқистон, Қирғизистон, Тоҷикистон, Туркманистон ва Ӯзбекистон: лоиҳаи қатънома

## Нақши зеҳни сунъӣ дар эҷоди имкониятҳои нав барои рушди устувор дар Осиёи Марказӣ

*Маҷмаи Умумӣ,*

бо таъйид намудани ҳуқуқи байналмилалӣ, бахусус Оинномаи Созмони Милали Муттаҳид, ва бо истинод ба Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон [1],

бо таъйид намудани ҳамчунин Қатъномаи 70/1 аз 25 сентябри соли 2015, ки бо унвони «Табдил додани ҷаҳони мо: Рӯзномаи рушди устувор барои давраи то соли 2030» қабул гардидааст, Қатъномаи 69/313 аз 27 июли соли 2015 оид ба Барномаи амалии Аддис-Абебаи Конфронси сеюми байналмилалӣ оид ба маблағгузории рушд ва Эъломияи сиёсӣ, ки дар Форуми сатҳи баланд оид ба рушди устувор таҳти сарпарастии Маҷмаи Умумӣ қабул шуда, дар замимаи Қатъномаи 78/1 аз 29 сентябри соли 2023 ифода ёфтааст,

бо изҳори қаноатмандӣ қайд менамояд баргузории 22 ва 23 сентябри соли 2024 дар муассисаҳои марказии Созмони Милали Муттаҳид дар шаҳри Ню-Йорк Саммити Оянда, ки дар ҷараёни он Қатъномаи 79/1 бо унвони «Паймон ба номи оянда» ва замимаҳои он қабул гардиданд,

бо таъйиди дубора Қатъномаи 78/265 аз 21 марти соли 2024 оид ба истифодаи имкониятҳои низомҳои зеҳни сунъии амн, ҳифзгардида ва боэътимод ба манфиати рушди устувор, Қатъномаи 78/311 аз 1 июли соли 2024 оид ба таҳкими ҳамкории байналмилалӣ дар соҳаи афзоиши иқтидор дар бахши зеҳни сунъӣ, Қатъномаи 77/320 аз 25 июли соли 2023 оид ба таъсири пешрафти босуръати техникӣ ба дастёбӣ ба ҳадафҳо ва иҷрои он,

ва вазифаҳо дар соҳаи рушди устувор, Қатъномаи 79/194 аз 19 декабри соли 2024 оид ба истифодаи технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ ба манфиати рушди устувор, Қатъномаи 78/160 аз 19 декабри соли 2023 оид ба истифодаи дастовардҳои илмӣ-техникӣ ва навоварӣ ба манфиати рушди

---

[1] *Қатънома 217 А (III).*

устувор, Қатъномаи 78/213 аз 19 декабри соли 2023 оид ба тарғиб ва ҳифзи ҳуқуқи инсон дар заминаи технологияҳои рақамӣ, Қатъномаи 79/175 аз 17 декабри соли 2024 оид ба ҳуқуқ ба дахлнопазирии ҳаёти шахсӣ дар давраи рақамӣ ва Қатъномаи 70/125 аз 16 декабри соли 2015 оид ба баррасии умумии ҷараёни татбиқи қарорҳои Ҷаласаи умумиҷаҳонии сатҳи баланд оид ба ҷомеаи иттилоотӣ ва ҳамаи ҳуҷҷатҳои хотимавии Ҷаласаи умумиҷаҳонии сатҳи баланд оид ба ҷомеаи иттилоотӣ, аз ҷумла Эъломияи Женева дар бораи принсипҳо[2], Нақшаи амали Женева[3], Уҳдадории Тунис[4] ва Барномаи Тунис барои ҷомеаи иттилоотӣ[5],

бо қайд намудани он, ки қатъномаи ҳозира ба ҳамкории минтақавӣ ва миллӣ дар Осиёи Марказӣ дар соҳаи зеҳни сунъӣ бахшида шудааст, бо дарназардошти он, ки ин қатънома ба таҳкими иқтидор дар соҳаи зеҳни сунъӣ дар соҳаи ғайринизомӣ марбут буда, ба таҳия ё истифодаи зеҳни сунъӣ бо мақсадҳои ҳарбӣ робита надорад,

бо эътироф намудани таъсири тағйирдиҳандаи зеҳни сунъӣ дар Осиёи Марказӣ ва бо изҳори сипос ба кишварҳои минтақавӣ барои талошҳои назарраси онҳо дар самти рушди ва татбиқи зеҳни сунъӣ, аз ҷумла барои қабули стратегияҳои миллӣ, аз қабили Стратегияи рушди зеҳни сунъии Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2040, Стратегияи рушди зеҳни сунъии Ҷумҳурии Ўзбекистон барои соли 2024 ва Консепсияи рушди зеҳни сунъии Ҷумҳурии Қазоқистон барои солҳои 2024-2029, инчунин таъсиси марказҳои инноватсионӣ, ба мисли «Astana Hub» ва «Боғи технологияҳои баландтари Ҷумҳурии Қирғизистон»,

бо дарназардошти заминаи нодири Осиёи Марказӣ бо иқтисоди гуногунсоҳа, мероси ғании фарҳангӣ ва мавқеи стратегии ҷуғрофӣ ва бо эътироф намудани потенсиали зеҳни сунъӣ барои вокуниш ба мушкилоту имкониятҳои мушаххас дар минтақа дар соҳаҳои кишоварзӣ, саноат, савдо, молия, тандурустӣ ва дигар соҳаҳо бо мақсади таъмини оянда рақамии фарогир, боз, устувор, одилона, амн ва боэътимод барои ҳама,

аз давлатҳои аъзо даъват  ва пешниҳод намуда ба ҷонибҳои гуногуни манфиатдор аз тамоми минтақаҳо ва кишварҳо, аз ҷумла бахши хусусӣ, созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ, воситаҳои ахбори омма, муассисаҳои илмӣ ва тадқиқотӣ, ҷомеаҳои техникию коршиносӣ ва шахсони алоҳида, ки дар чорчўби вазифаву уҳдадориҳои худ амал менамоянд, то равишҳо ва чаҳорчўбаҳои меъёрию ҳуқуқӣ ва ташкилотию идоракуниро, ки ба низомҳои амн, ҳифзгардида ва боэътимоди зеҳни сунъӣ марбутанд ва экоoнизоми мусоидро дар ҳамаи сатҳҳо фароҳам меоранд, аз ҷумла барои мусоидат ба навоварӣ, соҳибкорӣ ва паҳн намудани дониш ва технологияҳо дар асоси шартҳои бо ҳам мувофиқа кардашуда, таҳия ва дастгирӣ намоянд, бо эътироф намудани он ки барои таҳияи чунин

---

[2] *Ниг. A/C.2/59/3, замима.*
[3] *Ҳамон ҷо.*
[4] *Ниг. A/60/687.*
[5] *Ҳамон ҷо.*

равишҳо ва чаҳорчӯбаҳо шарикии самаранок ва ҳамкории байни ҳукуматҳо ва ҷонибҳои гуногуни манфиатдор зарур аст,

бо дарназардошти он, ки имкониятҳои нокифоя дар самти пайвастшавӣ ба инфрасохтори рақамӣ ва малакаҳо дар ин соҳа, аз ҷумла таълим, таҷриба ва захираи инсонӣ, ҳамоно мушкили асосӣ дар бисёр кишварҳои рӯ ба рушд, аз ҷумла дар кишварҳои Осиёи Марказӣ боқӣ мемонанд, ки метавонанд боиси тавсеаи тафовутҳо дар соҳаи зеҳни сунъӣ ва дигар технологияҳои рақамӣ гарданд, аз ҷумла фарқият дар сатҳи омодагӣ барои истифодаи самараноки низомҳои зеҳни сунъӣ,

бо ишора ба нақши муҳимми кишварҳои Осиёи Марказӣ дар пешбурди ташаббусҳои илмӣ ва таълимӣ, аз ҷумла фаъолияти марказҳои тадқиқотӣ ва донишгоҳҳо ва саҳми онҳо дар тайёр намудани мутахассисони баландихтисос барои иқтисодиёти рақамӣ, ва дар ин робита бо ишора ба баргузории Конфронси байналмилалӣ оид ба масъалаҳои зеҳни сунъӣ дар маориф, ки дар охири моҳи августи соли 2025 дар шаҳри Ашқобод дар ҳамкорӣ бо Институти технологияҳои иттилоотӣ дар маорифи ЮНЕСКО баргузор мегардад,

бо таъкид бар зарурат ва фаврият дар самти бартараф намудани тафовутҳо дар соҳаи зеҳни сунъӣ ва дигар технологияҳои рақамӣ миёни кишварҳо ва дар дохили кишварҳо, инчунин бо таъкиди махсус бар зарурати таъмини дастрасии босифат ба афзалиятҳои зеҳни сунъӣ ва дар ин замина бо таъкид бар аҳамияти таъмини маблағгузории давлатӣ ва хусусии мувофиқ, сафарбарсозии воситаҳои амалӣ, аз қабили чорабиниҳо оид ба мубодилаи дониш ва интиқоли технологияҳо бар асоси шартҳои мувофиқаи мутақобила, инчунин расонидани кӯмак дар таҳкими иқтидор барои кишварҳои рӯ ба рушд, аз ҷумла кишварҳои Осиёи Марказӣ, мутобиқ ба ниёзҳо, сиёсати миллӣ ва афзалиятҳои онҳо,

бо дарназардошти нақши муҳимеро, ки ташкилотҳои байналмилалӣ, минтақавӣ ва зерминтақавӣ, муассисаҳои байналмилалии молиявӣ, бахши хусусӣ, ширкатҳо, ҷомеаи шаҳрвандӣ, воситаҳои ахбори омма, муассисаҳои илмӣ ва таълимӣ, ҷомеаҳои техникиву тадқиқотӣ ва шахсони алоҳида, инчунин дигар ҷонибҳои манфиатдори дахлдор метавонанд дар таҳкими иқтидор дар соҳаи зеҳни сунъӣ ва мусоидат ба ташаккули низомҳои бехатар, ҳифзшуда ва боэътимоди зеҳни сунъӣ ба манфиати рушди устувор бозанд,

1. ба давлатҳои аъзо, бахусус кишварҳои рушдёфта ва он кишварҳои рӯ ба рушд, ки имконияти анҷоми чунин корро доранд, бо иштироки ҷонибҳои манфиатдори дахлдор бо дарназардошти ваколатҳо ва вазифаҳои хос ба онҳо, ҳамкориро дар соҳаи таҳкими иқтидор тавсеа бахшанд, аз ҷумла дар шакли мубодилаи андешаҳо оид ба масъалаҳои сиёсӣ, чорабиниҳои мубодилаи дониш ва интиқоли технологияҳо бар асоси шартҳои мувофиқаи мутақобила, расонидани кӯмаки техникӣ, таълими тамоми умр, омодасозии кадрҳо, такмили ихтисоси мутахассисон, ҳамкориҳои байналмилалӣ дар соҳаи тадқиқоти илмӣ, таъсиси лабораторияҳо ва марказҳои байналмилалии муштараки ихтиёрӣ оид ба таҳкими иқтидор дар соҳаи зеҳни сунъӣ, бо

дарназардошти пурраи ниёзҳо, сиёсати миллӣ ва афзалиятҳои кишварҳои рӯ ба рушд, инчунин баргузор намудани дарсҳо, семинарҳо ва машваратҳо ва истифодаи дигар шаклҳои мубодилаи таҷриба ва таҷрибаи пешқадам тавсия медиҳад;

2. кишварҳои Осиёи Марказиро, ки дар сатҳи миллӣ ва минтақавӣ метрикаҳо ва механизмҳои дахлдорро барои дастгирии татбиқи низомҳои масъулона ва фарогири зеҳни сунъӣ ва баҳодиҳии таъсири ин низомҳо ба ташаккули имкониятҳои нав барои рушди устувор дар минтақа таҳия намоянд, даъват мекунад;

3. ба рушд додани шарикӣҳои байналмилалӣ дар соҳаи таҳкими иқтидор оид ба зеҳни сунъӣ бо мақсади таҳияи барномаҳои таълимӣ ва омӯзишӣ, тавсеаи дастрасӣ ба захираҳо, аз ҷумла моделҳо ва низомҳои кушодаи зеҳни сунъӣ, додаҳои омӯзишии кушода ва ҳисоббарориҳо барои мусоидат ба омӯзиш ва таҳияи моделҳои зеҳни сунъӣ, инчунин ташвиқи иштироки корхонаҳои хурду миёна дар иқтисодиёти рақамӣ ва бо ишора ба ташаббуси таъсиси Маркази минтақавии зеҳни сунъӣ дар шаҳри Душанбе бо ҳадафи мусоидат, аз ҷумла, ба ташаккули имкониятҳои нав барои рушди устувор дар Осиёи Марказӣ даъват мекунад;

4. таҳияи тадбирҳои минтақавии худтанзимкунанда дар Осиёи Марказӣ, ки ба пешбурди низомҳои бехатар, боэътимод ва шоистаи эътимод дар соҳаи зеҳни сунъӣ равона шудаанд ва таъмини тавозун миёни танзим ва инноватсияҳоро дар назар доранд қайд мекунад;

5. ба муассисаҳо, барномаҳо ва фондҳои Созмони Милали Муттаҳид дар доираи ваколатҳои дахлдори худ барои ҳамкорӣ дар расонидани кӯмак ба давлатҳои аъзо, аз ҷумла кишварҳои Осиёи Марказӣ, дар таҳияи барномаҳои таҳкими иқтидор дар соҳаи зеҳни сунъӣ дар сатҳи миллӣ ва минтақавӣ ва мусоидат ба ташкили шарикӣҳои давлатӣ-хусусӣ бо мақсади сафарбар кардани захираҳои иловагӣ пешниҳод мекунад;

6. нақши марказӣ ва ҳамоҳангсози Созмони Милали Муттаҳидро дар ҳамкориҳои байналмилалӣ дар соҳаи рушд дастгирӣ мекунад;

7. даъват мекунад низоми Созмони Милали Муттаҳидро, ки ҳамкориҳои байналмилалиро дар соҳаи таҳкими иқтидор оид ба зеҳни сунъӣ, аз ҷумла тавассути барномаҳо ё ташаббусҳои ихтиёрӣ ва шаффофи ҳамкорӣ, ки ба амал равона шудаанд, тақвият диҳад, ки ин ҳамчунин ба иштироки созанда ва фаъолонаи кишварҳои рӯ ба рушд дар равандҳои вобаста ба технологияҳои зеҳни сунъӣ мусоидат мекунад.